# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқи масъалаи худшиносӣ аз дидгоҳи фалсафӣ дар замони муосир аз ҳарвақта дида муҳимтар мебошад. Муҳиммияти масъала дар он аст, ки ҷомеаи муосир аз лиҳози техникӣ тараққикарда ва дастрасии насли муосир ба ахбору иттилоот бештар мебошад. Ба маънии дигар, ҷомеаи муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ қарор дошта, ҳар лаҳза дучори таҳоҷумҳои фарҳангию ахлоқӣ мегардад. Дар муқобили раванди мазкур танҳо миллате метавонад истода бошад, ки намояндагони он дорои ҳисси баланди худшиносӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ буда, арзишҳои муҳимтарини фарҳангии миллату давлати худро муҳим шуморида, пайи тақвияти онҳо бошанд.

Диссертатсияи Болтаева М.Н. дар ин самт қадами арзишманд ва дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ мебошад. Муаллиф дар муқаддимаи автореферати диссертатсия ба маврид қайд менамояд, ки “тағйироти куллӣ, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосир ба вуқуъ мепайванданд, тақозо мекунанд, ки ҳар як сокини ҷумҳурӣ бештар аз пештар ба решаҳои таърихӣ, анъанаҳои мусбати пешинаи ниёгон ва мероси фарҳангии онҳо рӯ оварда, онҳоро бо дар назар доштани талаботи замони муосир дар таҳкими ҳувияти хеш ва миллати худ мавриди истифода қарор диҳанд ва дар амалияи иҷтимоӣ ҷойгоҳи худро муайян созанд” (с.3).

Қисмати асоснокунии мавзуи диссертатсия дар автореферат мувофиқи меъёрҳои илмӣ коркард гардида, аҳамияти таҳқиқи он барои илм ва ҷомеаи муосир дар сатҳи зарурӣ нишон дода шудааст. Дараҷаи омӯзиши мавзуъ, максадгузорӣ, муайян намудани вазифаҳо ба талабот ҷавобгӯ буда, ҳамаи қисматҳои кор бо якдигар алоқаманд ва пайванди мантиқӣ доранд. Объект ва предмети таҳқиқ ба мавзуи рисола ҳамоҳанг карда шуда, навгониҳои пешниҳодшуда асоснок ва дар робитаи мустақим бо мавзуъ мебошанд.

Бобҳои рисола дар автореферат ба дараҷаи зарурӣ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Таҳлили автореферат нишон медиҳад, ки масъалаи дар

диссертатсия гузошташуда ба таври системавӣ коркард гардида, хулосаҳои пешиҳодшуда аз он маншаъ мегиранд.

Хулосаҳои пешниҳодшуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо асоси илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ доранд.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда дар автореферати диссертатсияи Болтаева М.Н. якчанд норасогиҳои ҷузъӣ низ дида мешавад:

1. Баҳси муаллифи диссертатсия бо муҳаққиқони дигар камтар эҳсос мегардад;
2. Дар автореферат баъзан такрори ҷумлаҳо дида мешавад. Масалан, банди якуми нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо банди якуми хулосаҳо қариб якхел оварда шудааст.

Хулоса, эродҳои баёншуда ҷузъӣ ва ба арзиши илмии диссертатсия халал намерасонанд. Автореферати диссертатсияи Болтаева М.Н. дар мавзуи “Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа ҳамчун амали мустақилона ва мукаммалӣ илмӣ, ба талабот ва шартҳои дарёфти дараҷаи илмӣ Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори фалсафа (Phd),
Ходими калони илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ Иброҳимов Ф.М.

Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, н.Шоҳмансур,
кӯчаи Бинокорон, хонаи 62
ҳуҷраи 5/А Тел.: (+992) 93-470-70-31 E-mail: furkat-i@mail.ru

Имзои Иброҳимов Ф.М. - ро тасдиқ менамоям:
нозири шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Абдураҳмонзода Б.

Суроғаи муассиса: 734025
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Рӯдакӣ 33.
Тел.: (+992-37) 221-07-28, E-mail: sadullo2688 @mail.ru

4 07 соли 2025